# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-090-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба диссертатсияи Рашидзода Ҷамшед Қосим дар мавзуи «Ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-090-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Рашидзода Ҷамшед Қосим дар мавзуи «Ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, дар ҳайати зерин интихоб гардид:

– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назарзода Носир Ҷобир (12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат), раиси комиссия;

– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Миралиозода Исфандиёр Қарахон (12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат), аъзои комиссия;

– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бойматова Дилбар Пулодовна (12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат), аъзои комиссия.

Комиссияи экспертӣ таҳқиқоти диссертатсионии Рашидзода Ҷамшед Қосимро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, чунин мешуморад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқгардонии натиҷаҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқи экологӣ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, инчунин бунёди тасаввурот ва ҷаҳонбини муосири илмӣ созгор мебошад.

1. Муҳиммияти мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои марказӣ ва мубрами илми ҳуқуқшносӣ – «Ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» бахшида шудааст. Ташхиси экспертӣ собит намуд, ки муҳаққиқ дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва рушди

қонунгузории экологии Тоҷикистонро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки дар замони имрӯза рушди бемайлони иқтисодиёти ҷаҳонӣ, илму техника, соҳаи саноату кишоварзӣ боиси афзудани партовҳо ва дигар омилҳои таъсиррасонии инсон ба муҳити зист мешавад, ки ба ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ мусоидат намояд. Таҳлили қонунгузории масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ба рушди маърифат ва тарбияи экологӣ нигаронидашуда, ҳамчун воситаи иттилоотӣ барои баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва экологии аҳолӣ мусоидат намуда, ҷиҳати татбиқи амалии сиёсати экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи муҳим маҳсуб мегардад.

Дар марҳилаи кунунӣ масъалаи марбут ба ҳуқуқҳои экологии аҳолӣ ва боло бурдани маърифати экологии онҳо мубрамияти бештарро пайдо намуда, тақозо менамояд, ки муносибатҳои соҳаи мазкур аз дидгоҳи меъёрҳои ҳуқуқӣ мавриди танзим қарор дода шаванд.

Унвонҷӯ бо мақсади дарки пурра ва ҳамаҷонибаи қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон, ҷиҳати таҷдиди назар кардану такмил додани қонунгузории соҳа ба ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии он рӯ оварда, паҳлуҳои асосӣ ва заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистонро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки заминаҳои таърихӣ яке аз масъалаҳои мубрами назариявӣ ва амалӣ маҳсуб ёфта, ба муайян кардани омил ва роҳҳои такмили қонунгузории экологӣ дар шароити муосир мусоидат менамояд.

Таҳқиқи илмии масъалаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми ҳуқуқӣ ва экологии кишвар нақши муҳим дошта метавонад. Дар ҶТ то ҳол таҳқиқоти комили илмӣ дар самти ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон анҷом дода нашудааст. Ҳарчанд баъзе таҳқиқотҳо дар шакли мақола ва дигар навъи пажуҳишҳо рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо дар онҳо масъалаи танзими ҳуқуқии экологӣ дар умум баррасӣ шудааст, на ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

Унвонҷӯ ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистонро дар заминаи усулҳои умумиилмии фалсафӣ ва махсуси ҳуқуқӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, дар натиҷа хулоса ва пешниҳодҳои илман асосноки худро манзур намудааст, ки дар рушди илми ҳуқуқ, ҳифзи муҳити зист, рушди маърифат ва тарбияи экологӣ ва таҷдиди қонунгузории соҳа метавонанд нақши муҳим дошта бошанд.

Пажуҳишгар Рашидзода Ҷамшед Қосим дар доираи таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои мухталифи ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ

дар Тоҷикистонро баррасӣ намуда, хулосаҳои худро бо далелҳои муътамади илмӣ ва андешаҳои муҳаққиқон асоснок кардааст. Аз ин рӯ, мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои дар рисола пешниҳодгардида метавонанд дар таҳқиқотҳои илмии соҳаи ҳуқуқ истифода карда шаванд.

2. Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона таҳияшуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи байналмилалии экологӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ самти ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки он саҳми бевоситаи унвонҷӯйро нишон медиҳад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисосҳои барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссяи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 31-уми январи соли 2025, № 45/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

4. Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 20 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 9,1 ҷ.ч) ба табъ расидаанд ва ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Рашидзода Ҷ.Қ., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути

иқтибос ба расмият давроварда шудаанд, ки аз риоя шудани (банди 37-и) Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Эътимоднокии дараҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифода аз методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқ шудааст. Ҳамин тариқ, Рашидзода Ҷ.Қ. аз уҳдаи ҳалли вазифаҳои гузошташуда баромада, диссертатсияи ӯ таҳқиқоти комилан анҷомёфтаи дорои аҳамияти назариявию амалӣ арзёбӣ мегардад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Рашидзода Ҷ.Қ. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Рашидзода Ҷамшед Қосим дар мавзуи «**Ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии **номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат** баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва банди 61-уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни оли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертасияи Рашидзода Ҷамшед Қосим дар мавзуи «Ташаккул ва рушди қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқотиашон ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунанд, ба ҳайси **муққаризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

– **Азиззода Убайдулло Абдулло** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

– **Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар муассисаи таҳсилоти олии касбии «Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт» таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автоеферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Назарзода Н.Ҷ.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Мирализода И.Қ.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти, декани факултети муштараки
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон, аъзои комиссияи экспертӣ Бойматова Д.П.

«03» 07 2025

Имзоҳоро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДДҲБСТ Бобоев А.Х.
«04» 07 2025